# НАҚШАИ ДУРНОМАВИИ

Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон»

барои солҳои 2017-2019

Душанбе-2016

"ТАСДИҚ ШУДААСТ"
Бо қарори Раёсати
ТҶҶ «СФШҒ-Тоҷикистон»
Суратҷаласа тахти № 8 аз 18 ноябри соли 2016

НАҚШАИ ДУРНОМАВИИ
Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон»
барои солҳои 2017-2019

**<u>Мундарича</u>**


1. Ҳадафи ташкилот.
2. Баррасии татбиқи нақшаи гузашта.
3. Вазъи эпидемиологӣ.
4. Минтақаҳои фаъолият.
5. Баҳрабарандагони лоиҳа.
6. Афзалиятҳо ва самтҳои асосӣ.


## 1. Ҳадафи ташкилот

«СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» (СФШҒ-Тоҷикистон) ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ буда, дар самти беҳтар намудани саломатии гурӯҳҳои асосии аҳолие, ки хатари сирояти ВНМО доранд, фаъолият мекунад.

Ташкилот ба беҳтар намудани саломатии инсон мусоидат намуда, ба васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тандурустии ҷамъиятӣ оиди пешгирӣ, табобат ва нигоҳубин нисбати ВНМО, бемории сил, гепатити С ва инчунин, таъмини саломатии шаҳвонӣ ва репродуктивӣ кӯшиш мекунад.

Ташкилот барои ноилшавӣ ба ин:

- ҳуқуқҳои гурӯҳҳои асосии аҳолиро ба саломатӣ ҳимоя мекунад;
- хабардоршавии аҳолиро афзуда, муҳити мусоид ва дастгирикунандаро фароҳам меорад, ки ба ҷиҳати пастравии дараҷаи тамғазании гурӯҳҳои асосии аҳолӣ, ки хавфи зиёди сироятшавӣ аз ВНМО доранд, имконият медиҳад;
- барномаҳои пешгирикунанда ва лоиҳаҳоро дар соҳаи тандурустӣ, санитария ва гигиена, саломатии шаҳвонии репродуктивӣ, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои ташхисӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ, маишӣ ва ҳуқуқӣ ва инчунин беҳтар намудани ҳолати маънавию рӯҳии шаҳрвандон татбиқ менамояд.
- стратегияҳои пешрафтаи рушди тарзи ҳаёти солимро истифода мебарад.

## 2. Баррасии татбиқи нақшаи гузашта

СФШҒ-Тоҷикистон дар моҳи январи соли 2014 татбиқи нақшаи дурномавии аввалинро, ки дар он афзалиятҳои асосии фаъолияти ташкилоти нав барои солҳои 2014-2016 инъикос шудааст, оғоз намуд. Дар ин қисм натиҷаҳои асосии иҷрои нақшаи дурномавӣ пешниҳод шудааст.

***Ворид намудани хизматрасониҳои Кӯмаки иҷтимоӣ ба шабакаи тиббии умумӣ***

*Кӯмаки иҷтимоии пешгирикунанда* – бо фаъолияти муштараки СФШҒ-Тоҷикистон ва шарикони ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ТҶ) дар 12 минтақаҳои кишвар хизматрасониҳои ба мизоҷ равона карда шуда оиди коҳиши рафтори хатарнок нисбати ВНМО, саривақт дарёфт намудани ВНМО дар байни гурӯҳҳои асосии аҳолӣ ва оғози табобати зиддиретровирусӣ (ТЗР) барои шахсоне, ки дар онҳо ВНМО ошкор шудааст, ташкил карда шуданд. Илова ба корҳои пешгирикунанда, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба истеъмолкунандагони маводи нашъаовар барои иштирок дар барномаи табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон, ки дар назди марказҳои наркологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВТҲИА ҶТ) амал мекунад, мусоидат намуданд.

Дар моҳи ноябри соли 2015 аз ҷониби ВТҲИА ҶТ Дастурамал барои омӯзгор «Ташкил намудани омӯзишҳои хурд оиди пешгирии сироятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим дар байни гурӯҳҳои асосии аҳолӣ», ки аз тарафи СФШҒ-Тоҷикистон коркард шудааст, тасдиқ карда шуд.

Дар моҳи июли соли 2016 аз ҷониби ВТҲИА ҶТ «Маълумотномаи иттилоотӣ оид ба ташкилотҳои давлатии тандурустӣ, дастгирии иҷтимоию ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз тарафи СФШҒ-Тоҷикистон барои паҳн намудан дар байни шахсони бо ВНМО зиндагикунанда (ШВЗ) коркард шудааст, барои нашр тасдиқ карда шуд.

*Кӯмаки иҷтимоии дастгиркунанда* – СФШҒ-Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо шарикони ТҶ дар 22 минтақаҳои кишвар корро оиди дастгирӣ намудани пайравӣ ба табобати зиддиретровирусӣ (ТЗР) дар байни шахсоне, ки дар онҳо ВНМО ошкор шудааст ташкил намуд. Илова бар ин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории СПИД барои ба табобат баргардониданиШВЗ, ки ТЗР-ро катъ намудааст, мусоидат намуданд.

Дар моҳи декабри соли 2013 аз ҷониби ВТҲИА ҶТ Дастур «Кӯмаки иҷтимоӣ дар ҳолати сирояти ВНМО», ки аз тарафи СФШҒ-Тоҷикистон ба вазъияти иҷтимою иқтисодии кишвар мутобиқ карда шудааст, тасдиқ карда шуд.

*Кӯмаки иҷтимоӣ дар давраи озодшавӣ (Барномаи «СТАРТ Плюс»)* – дар моҳи августи соли 2015 аз ҷониби Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (СРИҶҶ ВА ҶТ) Дастурамал «Ташкили хизматрасониҳои барномаи СТАРТ Плюс - кӯмаки иҷтимоӣ барои маҳбусон дар давраи озодшавӣ» барои васеъ истифода бурдан дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ВА ҶТ тасдиқ шуд. Дастурамал аз тарафи мутахассисони СФШҒ-Тоҷикистон ва СРИҶҶ ВА ҶТ вобаста ба шароити иҷтимою иқтисодии системаи пенитенсиарии кишвар мутобиқ карда шудааст.

***Ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ.***

СФШҒ-Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо 2 шарикони ТҶ ва бо дастгирии СРИҶҶ ВА ҶТ маҷмӯи чорабиниҳоро оиди пешгирии ВНМО ва бемории сил (БС) дар байни маҳкумшудагон ва кӯмаки иҷтимоӣ ба ШВЗ ва беморони сил, ки аз ҷойҳои аз озодӣ маҳрум озод шудаанд ташкил намуд. Эътибори махсуси барномаи кӯмаки иҷтимоӣ ба қонеъ гардонидани талабот ва эҳтиёҷоти занони маҳкумшуда, ки аз ҷойҳои аз озодӣ маҳрум озод мешаванд, равона мешавад.

***Паст кардани зарар аз истифодабарии маводи нашъаовари тазрикӣ.***
СФШҒ-Тоҷикистон дар доираи барномаҳои амаликунанда ташаббуси ТҶ маҳаллиро оид ба пешгирии ВНМО, САҶИ, гепатитҳо ва истеъмоли меъёри зиёди маводи нашъа дар байни истеъмолкунандагони маводи нашъаовар дар ҳашт минтақаи Тоҷикистон дастгирӣ намуд. Дар ду минтақа ба ду ташкилотҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагони маводи нашъаовар (ИМН) барои татбиқи равиши барқарорсозии иҷтимоии ғайритиббии беморони нашъаманди табобатшаванда мусоидат намуд.

Моҳи ноябри соли 2015 дар ҳамкорӣ бо Вазорати корҳои дохилии (ВКД) «Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд» аз нав дида баромада шуд. Таҳрири нави Дастурамал аз ҷониби роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ тасдиқ шудааст ва метавонад аз тарафи ТҶ барои ташкили фаъолияти таълимӣ ва тарғиботӣ бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода бурда шавад.

Бо ташаббуси СФШҒ-Тоҷикистон фармони ВТҲИА ҶТ тибқи №832 аз 30 сентябри соли 2015 ба имзо расидааст, ки он ба ҳамаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ имконият медиҳад, ки машварати ихтиёрӣ ва санҷиши фаврии ВНМО-ро татбиқ намоянд. Аз соли 2016 СФШҒ-Тоҷикистон дар муҳокимаи давлатӣ оид ба рушди Дастур дар барои пешниҳоди санҷиши фаврии ВНМО тавассути луоби даҳон фаъолона иштирок менамояд.

***Солимии шаҳвонӣ ва репродуктивӣ ва танзими оила.***
Дар барномаҳои СФШҒ-Тоҷикистон ба заноне, ки маводи нашъа истифода мебаранд, заноне, ки дар маҳбас буданд ва занони бо ВНМО зиндагикунанда ва шарикони шаҳвонии ИМН то ҳол диққати зиёд дода мешавад. Кӯшишҳои ташкилот ба васеъ намудани дастрасии занони осебпазир ба хизматрасониҳои солимии шаҳвонӣ ва репродуктивӣ равона карда шудааст.

## 3. Вазъи эпидемиологӣ

***Маводи нашъаовар ва вобастагӣ аз МПА (моддаҳои психоактивӣ)***
Намудҳои асосии маводи нашъаовар, ки дар Тоҷикистон истеъмол мекунанд ин афюн, каннабис, гашиш ва героин[1] мебошад. Дар айни замон шумораи истифодабарандагони героин зиёдтар буда, дар ҷои дуюм истеъмолкунандагон афюн мебошанд ва баъдан истифодабарандагони маводи нашъаовари гурӯҳи каннабис мебошанд. Дар ҷумҳурӣ тамоюли паҳн шудани намудҳои нави маводи нашъаовари синтетикӣ, ки дар Феҳристи миллии маводҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо қайд нашудаанд мушоҳида мешавад.

Тибқи маълумоти МҶКН[2] дар солҳои 2013-2015 кам шудани шумораи беморони нашъаманд танҳо дар шаҳри Душанбе ба мушоҳида мерасад, дар ҳоле, ки дар минтақаҳои дигари кишвар (Суғд ва Хатлон, НТҶ) ин нишондод афзоиш ёфта истодааст. Паст шудани ҳодисаҳои нави нашъамандӣ дар вилоятҳои Хатлон, Вилояти Мухтори Бадахшони Кухӣ (ВМКБ) ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) мушоҳида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 31 декабри соли 2015 шумораи нашъамандони ба қайд гирифта шуда 7313 нафарро ташкил намуд, ки ин 0,47% бештар нисбати соли 2014 (7279 нафар) мебошад. Аз шумораи умумии нашъамандони ба қайд гирифташуда 5933 нафар ИМНТ мебошанд, ки ин 0,79% бештар нисбати соли 2014 (5887) мебошад.

---
[1] Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологии ба номи профессор М. Ғуломов.
[2] Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологии ба номи профессор М. Ғуломов.

Дар назди марказҳои наркологии ВТҲИА ҶТ шаш адад марказҳои табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон дар шаҳрҳои Душанбе (ду-то), Хуҷанд, Хоруғ, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб фаъолият мекунанд. Дар охири соли 2015 дар барномаи ҷойивазкунандаи ёрирасон 581 мизоҷ буд. Шумораи шахсоне, ки табобатро дар давоми 12 моҳ давом доданд 40-70%-ро аз шумораи умумии шахсони иштирокчии барнома ташкил дод.

***ВНМО ва БПНМ***

Дар Тоҷикистон аз соли 1991 то 30 сентябри соли 2016 шумораи ба қайдгирифташудаи сирояти ВНМО 8435 нафарро ташкил медиҳад, аз он ҷумла мардҳо 5724 (67,9%) ва занҳо 2711 (32,1%) мебошанд. Шумораи одамоне, ки бо ВНМО зиндагӣ мекунанд 6253 нафарро ташкил медиҳад ва ё ба 74,9% ба 100 ҳазор аҳолӣ баробар мебошад. Барои муқоиса, дар соли 2011 ин нишондод 39,6% ташкил менамуд. Ҳамин тавр, ҳодисаҳои афзоиши сирояти ВНМО дар байни аҳолӣ мушоҳида шуда истодааст.

Сирояти ВНМО бо роҳи алоқаи ҷинсӣ зиёдтар мебошад. Аз соли 2011 дар кишвар тамоюли кам шудани шумораи ҳодисаҳои нави сирояти ВНМО бо роҳи тазриқӣ мушоҳида мешавад: аз 412 ҳодисаҳои нав дар соли 2011 то 245 ҳодисаҳо дар соли 2015. Сирояти ВНМО бо роҳи тазриқӣ нисбати ҳамаи роҳҳои сирояти аз 41,7% то 21,3% мутаносиб дар ин солҳо ташкил намуд. Ба назари маълумотҳои дастрас паҳншавии босуръати ВНМО дар байни гурӯҳҳои хатари зиёд дошта, инчунин дар байни занон мушоҳида мешавад. Ҳиссаи занон дар шумораи ҳодисаҳои нави сирояти ВНМО зиёд шуда, синну соли сироятёфтагон ҷавонтар шуда истодааст. Афзоиши сирояти ВНМО дар байни занони ҳомила ва кӯдакон давом дода истодааст.

Омори расмии ВТҲИА ҶТ нишон медиҳад, ки афзоиши сирояти ВНМО дар байни шахсоне, ки дар муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ буданд, зиёд шуда истодааст. Дар байни ҳодисаҳои нави ВНМО дар Тоҷикистон дар соли 2015 ин нишондод 165 нафарро ташкил намуд (мардон - 151, занон - 14), ки 14,3% аз ҳамаи ҳодисаҳои нави сироят мебошад. Дар соли 2011 ин нишондод 65 нафар ё 7,7% ташкил намуд. Роҳи асосии сирояти ВНМО дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2015 – алоқаи ҷинсӣ мебошад: 151 (91,5%) ҳодиса.

***Бемории сил***

Тибқи маълумоти ВТҲИА ҶТ дар соли 2014 дар ҷумҳурӣ 11432 ҳодисаҳои ҳамаи шаклҳои бемории сил ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 5017 ҳодисаҳои нав мебошанд.

Дар ВМКБ ва вилояти Хатлон сатҳи зиёди беморшавии бемории сил ба қайд гирифта шуда, сатҳи пасти беморшавӣ дар вилояти Суғд мушоҳида мешавад. Аз шумораи ҳодисаҳои нави бемории сил ба қайд гирифташуда 55% мардон ва 45% занҳо (таносуби байни мардон ва занҳо 1,2 мебошад) ташкил медиҳад. Беморӣ асосан ба ҷавонон ва қисми аҳолие, ки арзиши самаранок доранд таъсир мерасонад: 70% ҳамаи ҳодисаҳои нави бемории сил дар байни одамони синни аз 15 то 44 сола дучор мешавад.

На камтар аз 98% ҳодисаҳои бемории сили шуш ба воситаи ҳавоию қатрагӣ сироят меёбад. Дар айни замон маълумоти заминавӣ, ки дар он паҳншавии бемории сил дар байни аҳолии осебпазири Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат карда мешавад, мавҷуд нест ва муҳим аст, ки намояндагони гурӯҳҳои аҳолии асосӣ бояд аз ташхис гузаранд ва барои назорати бемории сил дар байни тамоми аҳолӣ онҳо бояд дар қайд бошанд.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ***

Бинобар маълумоти СММ оиди аҳолӣ зиёдтар барои шаҳрвандони синну соли аз 40 то 64 сола муҳоҷирати байналмилалӣ хос аст[3]. 57% ин гурӯҳро занҳо ташкил медиҳанд. Як равияи нав дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ин зиёдшавии муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни занҳо мебошад.

Мувофиқи маълумоти Хадамоти федералии муҳоҷирати Русия (ХФМ)[4] дар 7-ӯми июни соли 2015 дар ҳудуди Русия 998 910 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон (839 515 мардон ва 159395 занон) буданд. Ба фикри мутахассисони гуногун, ҳиссаи занон дар шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ аз 7% ба 20% ташкил намуд.

Масъалаи муҳоҷирони баргашта, ки мушкилиҳо аз тарафи саломатӣ доранд бисёр муҳим шуда истодааст ва диққати зиёдро талаб мекунад. Мувофиқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумоти Хадамоти федералии муҳоҷирати Федератсияи Русия, дар аввали соли 2016 334,4 ҳазор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории Русияро вайрон намуда, ба рӯйхати шахсоне, ки ворид шудан ба Федератсияи Русия барои мӯҳлати аз се то панҷ сол манъ аст, дохил шуданд. Баровардан ва депортасияи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон аз Русия ба оқибатҳои манфии иҷтимоии зерин мерасонанд:
-афзоиши шумораи бақайдгирифташуда ва бақайдгирифтанашудаи бекорон;
- пурзӯр намудани шиддати иҷтимоӣ;
- зиёд шудани рақобати дохилӣ, аз ҷумла ғайрирасмӣ ва дар бозори меҳнат;
- пастшавии даромад ва дар натиҷа афзоиши камбизоатӣ дар байни афзоиши бекорӣ.

Омили муҳим, ки ба сирояти ВНМО ва бемории сил дар давраи муҳоҷирати меҳнатӣ таъсир мерасонад ин сатҳи пасти иҷтимоию иқтисодии мардон - муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон мебошад. Ҳамин тариқ, гарчанде ки паҳншавии ВНМО дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ба таври назаррас паст бошад ҳам, ки ба эпидемияи тамаркуз баробар мебошад, миқёси умумии муҳоҷирати меҳнатӣ барои Тоҷикистон хеле бузург аст, ки як таҳдиди хатар ба паҳншавии ВНМО дар байни табақаҳои аҳолие, ки алоқаи ҷинсӣ доранд бо муҳоҷирон ва зиёд шудани паҳншавии бемории сил дар ҷои аввал дар байни шахсоне, ки дар тамос буданд бо муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳамсарони онҳо ва ё шарикони шаҳвонӣ, фарзандон ва дигар аъзои оила мебошад.

***Тандурустӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ***

Шумораи умумии маҳбусон дар системаи пенитенсиарии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 10000 нафарро ташкил медиҳад. Дар маҳбасҳо бемории сил мушкилоти ҷиддӣ дорад. Ҳарчанд дар соли 2015 нисбат ба соли 2006 шумораи мутлақи ҳодисаҳои бемории сил дар системаи маҳбасҳо ба 30,8% паст шудааст (аз 327 дар соли 2006 то 101 дар соли 2015), нишондоди бемории сил (ҳама шаклҳои он) дар маҳбасҳо дар соли 2015 1200 ба 100 000 нафарро ташкил дод, ки ин 13,5 маротиба баландтар назар ба омилҳои бахши шаҳрвандӣ мебошад.

Паҳншавии сирояти ВНМО дар байни маҳбусон аз 6,2% дар соли 2005 то 8,4% дар соли 2013 ва 4,2% дар охири соли 2015 ташкил дод. Дар соли 2015 шумораи мубталои ВНМО дар маҳбасҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 222 нафар баробар шуд. Аз 222 шахсоне, ки бо ВНМО зиндагӣ мекунанд 66 ва ё 30% онҳо ба ТЗР дастрас мебошанд ва табобат мегиранд.

***Маблағгузории барномаҳо дар соҳаи ҳифзи саломатӣ***

Дар айни ҳол, мақомоти асосии маблағгузори пешгирӣ ВНМО ва бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон USAID, Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бо СПИД, сил ва

[3] Дурнамои миллӣ оиди мубориза бар зидди эпидемияи ВНМО/БПНМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 - 2017 гг
[4] http://migrant.ru/statistika-fms-rossii-pokazyvaet-dinamiku-rosta-trudovoj-migracii-iz-centralnoj-azii/

варақа ва БРСММ ҳастанд. Дар се соли охир пастшавии маблағгузории барномаҳои тандурустӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ва воҳидҳои сохтории он назаррас мебошад.

Дастгирии техникӣ дар татбиқи дурнамои миллӣ дар соҳаи ВНМО ва беморӣ сил аз ҷониби ташкилотҳои экспертӣ дар симои UNAIDS, ТУТ, UNODC, ICAP ва CDC пешниҳод карда мешавад.

СФШҒ-Тоҷикистон ҳамкории фаъолонаро бо созмонҳои байналмилалӣ, ки таҷрибаи назаррас ва қудрат дар татбиқи лоиҳаҳои муштараки оид ба паст кардани талабот ба маводи мухаддир, баланд бардоштани иқтидори ТҶ ва ҳифзи ҳуқуқҳои ГОА доранд давом дода истодааст. Ин шарикон ШТБИ «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон, GIZ, Лоиҳаи ХОУП, PSI, Каритас Люксембург, KNCV ва DVV-International мебошанд.

***Хулоса***

Таҳлили вазъияти ҳозира, ҷонибҳои мустаҳкам ва заифии ташкилот ва назорати имкониятҳо ва хатарҳо аз муҳити беруна дар асоси равияҳои афзалиятноки ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» барои соли 2017-2019 омадааст.

***Таҳлили SWOT***

| Ҷонибҳои мустаҳкам | Ҷонибҳои заиф |
|---|---|
| - Таҷрибаи корӣ дар соҳаи пешгирии ВИЧ ва ҳифзи саломатӣ дар СИҶҶ<br>- Ошкоро амал кардан ва обрӯи мусбати корӣ<br>- Таъсис додани ҳамкорӣ ва муносибатҳои хуби корӣ бо мақомотҳои давлатӣ, инчунин мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ<br>- Таҷрибаи калони омӯзиши шарикони ва баланд бардоштани иқтидори ташкилотҳои ҷамъиятӣ<br>- Пешниҳод намудани хизматрасониҳои мустақим ба ГОА<br>- Шаффофият ва фасеҳии кори ташкилот<br>- Ҳайати кормандони соҳибихтисос<br>- Қобилияти ба омӯзиш<br>- Ҳамкорӣ дар шабакаи AFEW<br>- Қобилияти коркарди лоиҳаҳои сифатнок<br>- Пешниҳод намудани хизматрасониҳои бевосита | - Вобастагии пурраи ташкилот аз маблағгузории беруна<br>- Маҳдуди кор, ки танҳо ба соҳаи ВНМО ва беморӣ сил вобастагӣ дорад<br>- Набудани захираҳои молиявии кофӣ |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| - Таъмини мавқеи пешсафӣ дар корҳои пешгирикунанда дар байни маҳбусон ва дастгирии иҷтимоии шахсоне, ки бо ВНМО зиндагӣ мекунанд<br>- Ифтитоҳи филиалҳо ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои бевосита дар дигар минтақаҳои кишвар<br>- Иштирок намудан дар озмунҳо барои дастраси маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар донорҳо<br>- Зиёд кардани сармояи захиравӣ | - Тамоюли номусоиди кор ба ташкилотҳое, ки бо ГОА кор мебаранд<br>- Шадид гардонидани қонунгузорӣ оиди фаъолияти ТҶ<br>- Рақобат аз ҷониби дигар ТҶ<br>- Паст намудани шумораи донорҳо, ки ба тандурустии аҳолӣ маблағгузорӣ менамоянд |

## IV. Мақсади нақшаи стратегӣ

Нақшаи дурномавии нав барои солҳои 2017-2019 дар асоси нақшаи пештара таҳия гашта, тағйирёбиро вобаста ба муҳит, дастовардҳо ва сабақҳои омӯхташударо дар давраи гузариш ба назар мегирад.

Мақсади нақшаи дурномавӣ ин пешгӯии рушди минбаъдаи СФШҒ-Тоҷикистон, муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти он ва таъмини устовории ташкилот дар давраи миёнамӯҳлат мебошад.

Нақшаи мазкур самтҳои корро, ки барои татбиқи қонунгузории асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустии мусоидат мекунад, пешбинӣ менамояд:

- Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ»;
- Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният»;
- Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил»;
- Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди саломатии аҳолӣ барои солҳои 2010 – 2020;
- Барномаи оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО / БПНМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020;
- Барномаи миллӣ оид ба мубориза бар зидди бемории сил барои солҳои 2015-2017.

## V. Фаъолият дар минтақаҳо

Дар айни замон, «СФШҒ - Тоҷикистон» дар 22 шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои пешгирикунандаро, аз он ҷумла дар муассисаҳои ислоҳии вилояти Хатлон амалӣ мекунад.

СФШҒ-Тоҷикистон ҳангоми интихоби минтақа дар се соли ояндаи фаъолияти худ, диққати асосиро ба беҳтар намудани дастрасии умумии ҳамаҷониба ба хизматрасониҳои пешгирӣ ва табобатӣ барои гурӯҳҳои асосии аҳолӣ мегузорад. Ба чунин минтақаҳо шаҳрҳо ва ноҳияҳое, ки вазъияти номусоиди эпидемиологӣ ва/ё дастрасии маҳдуд ба иттилоот, кӯмаки тандурустӣ ва дастгирии иҷтимоӣ доранд дохил мешаванд. СФШҒ-Тоҷикистон масъалаҳои ҳисоботи такрории хизматрасониҳо ва кӯмакҳоро ва инчунин имконияти ҳамкорӣ бо шариконро оиди рушд ба назар мегирад.

## VI. Бахрабарандагони лоиҳаҳо

Фаъолияти СФШҒ-Тоҷикистон ба қонеъ гардонидани талаботи тиббию руҳӣ, иҷтимоию маишӣ ва ҳуқуқии гурӯҳҳои асосии аҳолӣ бо диққати махсус ба кор бо истеъмолкунандагони маводи нашъовар, занҳо ва ҷавонони осебпазир, муҳоҷирони меҳнатӣ, беморони сил, шахсоне, ки бо ВНМО зиндагӣ мекунанд ва маҳкумшудагон равона карда мешавад.

***Баҳрабарандагони лоиҳаҳои*** СФШҒ-Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- **Истеъмолгарони маводи нашъаовари тазриқӣ ва шахсони бо ВНМО зиндагикунанда,** ки ба тамғазании иҷтимоӣ ва табъизи ҳуқуқҳои худ, ки дар асоси маълумоти нодуруст доштани аҳолӣ дар бораи ВНМО ва паст будани сатҳи маълумот оиди қонунгузории амалкунанда дар байни мутахассисон, ки ба онҳо хизмат мерасонанд пайдо мешавад дучор мешаванд.

• **Маҳкумшудагон ва шахсони аз ҷойҳои маҳрум аз озодӣ озодшуда**, ки маълумоти нокифоя дар соҳаи ҳифзи саломатӣ дар маҳбасҳо доранд ва эҳтиёҷ ба дастгирии молиявӣ ва равонӣ дар чанд моҳи аввали баъд аз озодшавӣ доранд.
• **Занони осебпазир,** ки ба мушкилоти иқтисодӣ дучор шуда, дастрасии васеъ ба дастгирии иҷтимоӣ надоранд ва нисбати ВНМО, бемории сил ва дигар бемориҳои сироятӣ осебпазир мебошанд.
• **Наврасон ва ҷавонон**, ки рафтори баланди хатар нисбат ба истеъмоли маводи машрубот ва мухаддир, инчунин таҷрибаи аввалини алоқаи ҷинсии беҳимоя доранд.

## VII. Афзалиятҳо ва самтҳои асосӣ

Барномаҳои зерин дар давоми се соли оянда дар таваҷҷӯҳи СФШҒ -, Тоҷикистон мешаванд:

- ***Паст кардани стигма ва табъиз нисбати одамони гирифтори ВНМО ва бемории сил.***

СФШҒ-Тоҷикистон нақша дорад, ки доираи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро, ки дар якҷоягӣ бо ВТҲИА, ВКД, АНМН ва СРИҶҶ ВА ҶТ ва инчунин ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида мешавад васеъ намояд. Фаъолиятҳои муштарак, ки ба мусоидат намудан ба *дастгирии ҳуқуқҳои гурӯҳҳои осебпазир ба хизматрасонии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ* равона шудаанд, асоси тамоми фаъолияти ташкилот мебошад. Ин кор тавассути ҷалб намудани намояндагони васеи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муҳокима, раванди банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии барномаҳои пешгирикунанда, мониторинги муштарак оиди дастрасӣ ва сифати хизматрасонӣ, ки ба гурӯҳҳои осебпазир пешниҳод мешаванд амалӣ мегардад.

Таҷрибаи ташкили вохӯриҳои муштараки намояндагони бахши шаҳрвандӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони тиббии муассисаҳои тандурустӣ давом дода мешавад. Дар доираи барномаҳои ба нақша гирифташуда фаъолияти гурӯҳи коршиносон оид ба рушди сиёсат ва татбиқи дастурҳо барои мутахассисон дастгирӣ карда мешавад ва инчунин барои ташкили фаъолияти гурӯҳи кории техникӣ оид ба саломатӣ дар системаи пенитенсиарии кишвар кӯмак расонида мешавад.

- ***Пурзӯр намудани шарикӣ ва ҳамкорӣ дар шабака***

СФШҒ-Тоҷикистон минбаъд низ ҳамкории мустаҳкам мутақобилан судмандро бо ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ давом медиҳад. Ин равияи кор тавассути машваратҳои мунтазам, ташкили вохӯриҳо, рушди муштараки сиёсат, тартиб ва дастурҳоро барои мутахассисон амалӣ дода мешавад.
СФШҒ-Тоҷикистон дар нақша дорад, ки ҳамкориро бо ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ тавассути ташкили шабакаи шарикон барои *васеъ намудани спектр ва минтақаҳои барномаҳои* пешгирикунандаи ВНМО, дастгирии пайравӣ ба табобат ва барқарорсозии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазир васеъ намояд.

СФШҒ-Тоҷикистон дар Шабакаи созмонҳои AFEW гузаронидани фаъолияти якҷояро оиди коммуникатсия ва тағриботи беруна бо мақсади *баланд бардоштани маблағгузории барномаҳои муштарак* ба нақша г ирифтааст.

- ***Баланд бардоштани иқтидори ТҶ***

СФШҒ-Тоҷикистон барои паҳн намудани таҷрибаи ба дастовардашуда андӯхтаи татбиқи хизматрасониҳои машваратӣ ва озмоиши босуръати ВНМО дар асоси СҒД шарик кӯшиш мекунад.

СФШҒ-Тоҷикистон корҳоро оид ба татбиқи хизматрасониҳои *машваратӣ, таҳқиқӣ ва санҷишӣ барои бемории сил* оғз мекунад. Ташхиси бемории сил метавонад дар назди Намояндагии СФШҒ-Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ба воситаи ба даст овардани

таҷҳизоти мобилии ташхиси фаврии бемории сил Omni-GenExpert ташкил карда шавад.

Ҳамчун як қисми стратегияи умумӣ барои баланд бардоштани иқтидори ТҶ СФШҒ-Тоҷикистон васеъ намудани кор оиди пешниҳоди машварати ихтиёрӣ ва санҷиши фаврии ВНМО дар назди Намояндагии худ дар вилояти Хатлон мебошад. Ин ҳамчунин маънои ҷорӣ намудани хизматрасонии ташхиси фаврӣ бо истифодаи луоби даҳон дорад.

- ***Ворид намудани хизматрасониҳои Кӯмаки иҷтимоӣ ба шабакаи тиббии умумӣ***

СФШҒ-Тоҷикистон кӯмаки техникиро ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ оиди татбиқ ва ворид намудани *системаи роҳхатдиҳӣ* ба гурӯҳҳои асосии аҳолӣ пешниҳод менамояд.

СФШҒ-Тоҷикистон имкониятҳоро меомӯзад ва бо мавҷудияти захираҳо хизматрасонии *нигоҳубини ШВЗ барои қабули ТЗР ва беморони сил, ки табобатро дар хона дар таҳти назорат (ДОТС) қабул менамоянд* (дастрас намудани доруҳо, қабули доруҳо дар таҳти назорат, таъмини озуқаворӣ, мусоидат дар тадқиқоти иловагӣ, ҷамъоварии балғам барои ташхиси бемории сил)ворид менамояд.

СФШҒ-Тоҷикистон расонидани хизматҳои машваратии электрониро дар асоси портали тиббии электронии идома хоҳад дод. Хизматрасониҳои электоронӣ дар соҳаи солимии шаҳвонӣ ва репродуктивӣ, инчунин бо машварат духтури терапевт васеъ хоҳад шуд, Дар баробари ин, имконияти машварати муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба ҳифзи саломатӣ ва ҳуқуқҳо меҳнатии онҳо омӯхта мешавад.

- ***Ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ***

СФШҒ-Тоҷикистон дар ҳамкорӣ СРИҶҶ ВА ҶТ татбиқи фаъолиятҳои санитарию таълимӣ, ки ба *паст намудани сатҳи сироятгирии ВИЧ ва бемории сил дар байни маҳбусон* равона шудаанд давом медиҳад.

СФШҒ-Тоҷикистон омӯзиши кормандони тиб ва ғайритиббии муассисаҳои ислоҳиро оиди сари вақт ошкор намудани ВНМО ва бемории сил давом медиҳад.

СФШҒ-Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятии шарик корҳоро оиди васеъ намудани фаолият дар самти татбиқи Барномаи «СТАРТ Плюс» - кӯмаки иҷтимоӣ дар давраи озодшавӣ бо диққати махсус додан ба қонеъ гардонии эҳтиёҷоти маҳкумшудагон бо ВНМО, бемории сил, истифодабарандагони маводи мухаддир ва занон амалӣ хоҳад кард.

- ***Солимии шаҳвонӣ ва репродуктивӣ***

СФШҒ-Тоҷикистон вазъият, сарчашмаҳои мавҷуд буда ва талаботро омӯхта, ҳаракат мекунад, ки *барномаҳои ба гендер равона шударо барои занони осебпазир*, истифодабарандагони маводи мухаддир, маҳбусон ва шарикони ҷинсии мардоне, ки маводи мухаддир истеъмол мекунанд ворид намояд. СФШҒ-Тоҷикистон амалӣ намудани як қатор чорабиниҳоро, ки ба ташкили хизматрасониҳо оиди пешгирии ВНМО ва САҶИ, солимии шаҳвонӣ ва репродуктивии занони осебпазир равона шудаанд ба нақша гирифтааст. Ин фаъолият дар назди Намояндагии СФШҒ-Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки бо занон кор мекунанд ташкил карда мешавад.

- ***Паст намудани талабот ба маводи мухаддир ва хизматрасонии иттилоотӣ барои ҷавонон***

СФШҒ-Тоҷикистон қувваи худро барои татбиқи барномаҳо оиди пешгирии нашъамандӣ дар байни ҷавонон равона мекунад. Ин самти фаъолият баланд

бардоштани маълумотнокии наврасон ва ҷавонон дар бораи оқибатҳои ногувори нашъамандӣ ва ташкили чорабиниҳои фароғатӣ, варзишӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад. Чорабиниҳо оид ба ташаккули тарзи хаёти солим ва мусоидат ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷорӣ карда мешаванд.

## VIII. Устуворӣ дар давраи миёнамӯҳлат ва дарозмуддат

Самти асосии фаъолияти СФШҒ-Тоҷикистон ин таъмин намудани устувории молиявии ташкилот мебошад. Вазъияти ҳозира ноустувор мебошад, чунки ташкилот аз маблағгузории хориҷӣ пурра вобаста аст. Чунин ҳолат хавфи ҷиддӣ нисбати банақшагирии дарозмуддат ва татбиқи чорабиниҳои нақша дорад. Вазъияти молиявии ташкилот дар он ҳолат устувор мебошад, ки агар тавонад дар зери тағйироти манфии муҳити беруна қобилияти фаъолияти худро нигоҳ дошта, сари вақт ва пурра ӯҳдадориҳои худро оид ба пардохти кормандон, бонкҳо, пардохтҳо ба буҷет ва иҷрои нақшаҳои ҳаррӯзаро иҷро намояд. Бинобар ин, муҳим аст, ки буҷаи кофӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои пешгирикунанда таъмин карда шавад. Барои дастгирии кормандон ва пардохти хароҷотҳои маъмурии ташкилот зарур аст, ки арзиши лоиҳаҳо баланд бардошта шаванд.

Талаботи солонаи ташкилот, аз ҷумла хароҷотҳои барномавӣ 850 000 – 900 000 доллари ИМА-роташкил менамояд. Бо вуҷуди ин, дар ин шароити ҳозира маблағ дар ҳаҷми 550 000 - 600 000 доллари ИМА бештар мувофиқ мебошад ва ба он ташкилот ҳаракат мекунад.

СФШҒ-Тоҷикистон дар охири соли 2016 барои ду лоиҳаи калон ва як лоиҳаи хурд маблағгузории тасдиқшуда дорад. Ин Барномаи USAID оид ба мубориза бар зидди бемории сил, ки аз ҷониби USAID то 31 декабри соли 2019 маблағгузорӣ карда мешавад; Лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ дар соҳаи саломатӣ ва ҳуқуқ барои гурӯҳҳои осебпазир аҳолӣ-2,0», ки аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Нидерландия то 31 декабри соли 2020 маблағгузорӣ карда мешавад ва Лоиҳаи «Барқаросозии иҷтимоӣ ва иқтисодии муҳоҷирони баргашта», ки аз ҷониби Шӯъбаи Ташкилоти Байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон то 30 октябри соли 2017 маблағгузорӣ карда мешавад. Бинобар ин, буҷети умумии ин лоиҳаҳо имконияти нигоҳ доштани сатҳи ҳаррӯзаи хароҷотҳои ташкилотро надорад. Аз ин рӯ, СФШҒ-Тоҷикистон дар озмунҳои гуногун ҳам дар соҳаи тандурустӣ ва ҳам дар самтҳои дигар барои гирифтани грантҳо иштирок намуда, имкониятҳои ҳамкориро дар шабакаи AFEW истифода бурда, кӯшишҳои заруриро барои баланд бардоштани захираҳои маблағи худ давом медиҳад.

Барои захира намудани маблағхо механизмҳои муоширaт низ инкишоф дода мешаванд. Муносибатҳои беруна барои мустаҳкам намудани ҳамкорӣ бо донорҳо равона карда мешавад. Ба таври мунтазам натиҷаҳои кори ташкилот дар байни донорҳои нав ва донорҳои мавҷудбуда, ки ба ин мавзӯъ манфиатҳо доранд, пешниҳод карда мешавад.